**Қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**аз 30 майи соли 2024** **ш. Ҳисор**

Маърӯзаи кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович -ро дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, роҳбари илмӣ – доктори илмҳои кишоварзӣ, Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон-ро шунида, тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки аз тарафи муқарриз- мудири пойгоҳи таҳқиқотии ноҳияи Ишкошими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю.Юсуфбекови АМИТ, номзади илмҳои биологӣ Ҷаҳонгиров Ҷ.О., раиси Шурои илмӣ, номзади илмҳои биологӣ Сафаралихонов А., котиби Шурои илмӣ, номзади илмҳои биологӣ Хуҷаназарова Г. имзо намудаанд, ва директори муассиса, номзади илмҳои биологӣ, Хуҷамзода Г.Х. тасдиқ намудааст, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Партоев Қурбоналӣ** – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растании Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ **ва Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, инчунин муқарризони ғайри расмӣ доктори илмҳои биологӣ Абдураҳмонов Нуритдин Атокузиевич, номзади илмҳои кишоварзӣ Саидзода Раҳмон Фатҳулло, доктори илмҳои кишоварзӣ Султонова Мавҷуда Ҳасановна, доктори илмҳои кишоварзӣ Нарзулоев Тош Садулоевич ва доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло-ро ба асос гирифта, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович бо дарназардошти муҳимии мавзӯъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии илмӣ, Шурои диссертатсионӣ

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳодгардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои интишоршуда, дар дараҷаи лозима муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Акрамов Абдуҳалим Холович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро дастгирӣ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ — Асозода Нуралӣ Маҳмадулло

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Хоҷаев Шариф Идиевич

30.05.2024с.

Имзоҳои Н.М. Асозода ва Ш.И. Хоҷаев-ро
тасдиқ мекунам: нозири калони кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ — Пирова Мунавара Икромшоевна